INNOVATIVE WORLD

ISSN: 3030-3079
Impact Factor: SJIF X.XXX

# ORIENTAL JOURNAL OF ACADEMIC AND MULTIDISCIPLINARY RESEARCH

Open Access, Peer Reviewed Journal

Scientific Journal






# ЖАНРҲОИ СУННАТӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР АШЪОРИ БОЗОР СОБИР

**Акмал Шерназаров**
дотсенти донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов,
**Марат Облоқулов**
донишҷӯи курси чоруми факултети филологияи донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов

**Вожаҳои калидӣ**

Бозор Собир, адабиёти навини тоҷик, ғазал, рубоӣ, жанрҳои адабӣ, анъана, навоварӣ

***АННОТАТСИЯ.***

Бозор Собир яке аз шоирони намоёни адабиёти навини тоҷик ба ҳисоб рафта, ҳам дар жанрҳои суннатӣ ва ҳам дар шеъри нав эҷод намудааст. Дар мақолаи мазкур жанрҳои анъанавии ғазал ва рубоӣ дар эҷодиёти Бозор Собир мавриди баррасӣ қарор ёфтааст.

Бозор Собир яке аз шоирони пешқадам дар таърихи адабиёти навини тоҷик ҳамчун эҳёгари жанрҳои анъанавии назм – ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ маъруфияти тамом дорад. Зеро ӯ аз нахустин қадамҳои эҷодиаш дар баробари таълифи шеъри нав, шеъри нимоӣ ба осори бегазанди классикони адабиёти тоҷику форс, хоса, эҷодиёти Румӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ, Бедил ва дигарон таваҷҷӯҳи хос дошт ва аз мактаби нодири адабии ин суханварони бузург асрори сухан ва дарси маҳорат омӯхтааст.

Дар натиҷаи таъсири адабиёти классикӣ ва ҷустуҷӯҳои эҷодиаш шоир дар жанрҳои гуногуни анъанавӣ аз қабили ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, мусаммат шеър эҷод намудааст. Қариб дар ҳамаи маҷмӯаҳои ӯ жанрҳои мазкур ба мушоҳида мерасанд. Дар эҷодиёти шоир ғазал мавқеи асосӣ ва мақоми хоса дорад. Ҳар шоири тавоное, ки дар ин жанр доди суханро додааст, бегумон дар таърихи адабиёти беш аз ҳазорсолаи мо шӯҳрат ёфтааст.

Масъалаи пайдоиш ва инкишофи ғазал аз тарафи адабиётшиносон: С. Айнӣ, И. С. Брагинский, А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, Р. Ҳодизода ва нафарони дигар низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта бар он ақидаанд, ки пайдоиши ғазал дар асри IX-X тааллуқ дорад. Ин масъала дар мақолаи олими адабиётшитнос Абдулғанӣ Мирзоев «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ӯ дар оғози мақолааш чунин мегӯяд:

«Масъалаи дар инкишофи ғазал ва сайри таърихии ғазалсароӣ таъин кардани мақоми Абуабдулло Ҷаъфар бинни Муҳаммад Рӯдакӣ

назар ба дигар қисматҳои назми давраи адабиёти классики форс тоҷик то як дараҷа мураккаб аст»[1]

Ғазал дар эҷоди Бозор Собир аз пуркорбурдатарин жанри адабӣ аст ва дар доираи ин шакли анъанавии шеър, ки қолаби устувор дорад, мазмунҳо ва сувари хаёлии шоир, маҳдуд нашудааст. Баръакс хаёлоти шоир рангин ва маҳорати эҷодиаш имкон додааст, ки дар қолаби ин жанри кухан эҷод карда, андешаро парвози баланд диҳад, аз як ғазал ба дигаре таҷрибаи шеъриашро такомул бахшад.

Лаби ман аз ду лабат бӯса-бӯса хотира дорад,
Ду гӯшам аз даҳанат қисса-қисса хотира дорад.
Ҳазор коса, ки чашм об додам аз чашмат,
Аз он ду чашми тирам коса-коса хотира дорад.
Туро агар начашидам чу шаҳд бо ангушт,
Чаро, ки мегазамаш ғӯсса-ғӯсса хотира дорад.
Шикаста лавҳаи ёдам, ки қаднамоят буд
Ба ҳар шикаста вале ҳиса-ҳиса хотира дорад.
Ту дар тамоми вуҷудам ҳанӯз мавҷудӣ,
Ки аз ту рӯи ба рӯ хоса-хоса хотира дорад.

Ғазалҳои ӯ чӣ аз ҷиҳати мазмун ва чӣ аз ҷиҳати баён дорои аҳамият ва қимати баланд, корбасти моҳиронаи санъатҳои бадеӣ дар онҳо арзишманд ҳастанд. Баробари пайравӣ ба анъанаҳои пешгузаштагон дар корбасти образ ва мазмунҳои тоза ба инкишофи он мусоидат намудааст.

Дар ташаккули сохтмони шеър шоир таъсири ғазалиёти Ҳофизу Бедил беасар набудааст. Масалан, дар ғазали зерин, ки бо васоити тасвири бадеӣ, амсоли маҷозу истиора, тавсиф, таҷнис, тазод, таркибу ибораҳои рехтаи халқӣ, бартарии ҳиҷоҳои кушода ва дигар унсурҳои шеърият оҳангнокӣ ва мавзунияти байту мисраъҳоро таъмин намуда, барои барҷаставу муассир ифода ёфтани мазмун хидмат кардаанд.

Ба ғазали “Афсонаи Боқӣ”-и шоир таваҷҷӯҳ зоҳир менамоем:

Ба мисли субҳи содиқ менамуд пешонаи Боқӣ,
Ту гӯӣ, мебаромад офтоб аз шонаи Боқӣ.
Ба ҷуфти ошиқон медод ӯ паймонаи паймон,
Ки умре нашканад дар дасташон паймонаи Боқӣ.
Нарафт аз ёди Боқӣ соате шукронаи мардум,
Нарафт аз ёди мардум соате шукронаи Боқӣ.
Яке дар хонааш буд, дигаре дар хонаи чашмаш,
Надидам ҳеҷ касро дар ҷаҳон бегонаи Боқӣ.
Ҳикоятҳои ӯ чун шарфаҳои оби Сурхобаш,
Расидӣ то ба гӯши ғармии фарғонаи Боқӣ.
Худаш як дам намехандиду механдонд мардумро,

[1] А. Мирзоев. Сенздаҳ мақола. (аз таърихи адабиёти форсу точик) Рўдакй ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV. - Душанбе: «Ирфон», 1977, саҳ. 5.

Наомад аз касе ин санъати фарзонаи Боқӣ.
Маро чашми тарам ҳар лаҳза бо исрор мегӯяд,
Нахушкад дар замини одамият донаи Боқӣ.
Бимон аз дафтари сармашқи ман чун сарнавишт умре
Нагардад кӯр таҳрироти устодонаи Боқӣ.
Азизон чун раванд аз дори дуньё, зиндатар гарданд.
Самарқанду Бухоро меравад афсонаи Боқӣ.

Пайравии анъана дар кори эҷодии шоир гоҳо дар тасвир, гоҳ дар мазмун ва усули баёни классикӣ сурат гирифта, ба ташаккули сабку нигориши шоир низ мусоидат намудааст. Ӯ анъанаҳои образофарии классикиро дар ғазалҳои худ пайгирӣ намуда, онҳоро гоҳо бо мазмунҳои аслиашон нигаҳ дошта, гоҳи дигар бо тобишҳои нав ҷилва додааст.

Аз хоки ватан гӯри падар дар дили ман монд,
Модар чу мазори лаби ҷар дар дили ман монд.
Дар оташи ғам коғази рӯи ман агар сӯхт,
Аз хоҳари ман коғази сар дар дили ман монд.
Дар баставу фарзанди падар дар паси дар рост,
Фарзанди падар дар паси дар дар дили ман монд.
Ман рафтаму сад хешу табор аз сари ман рафт,
Аз рафтанашон турбати тар дар дили ман монд.

Рӯбоӣ ҳам дар эҷодиёти Бозор мавқеи хеле баланд дорад ва рубоиҳояш аз ҳар ҷиҳат таваҷҷӯҳи хонандаро ба худ ҷалб мекунад. Рубоиёташ ҳам мисли ғазалиёташ ба мавзӯъҳои мухталифи ҳаётӣ, ишқу муҳаббат, марду мардонагӣ, фалсафаи зиндагӣ, рози ҳастӣ, одобу ахлоқ, танқиди кирдорҳои ношоиста бахшида шудааст. Чанд рубоии ишқие, ки дар поён овардаем, хеле хоно ва фаҳмост, ба мисоли он аст , ки ҳамдигарашро пурра мекунад.

Чашмам ба касе назора дорад, ки туӣ,
Дастам ба касе ишора дорад, ки туӣ.
Аз чашми худам ман осмоне дорам,
Шабҳо ҳама як ситора дорам, ки туӣ .

♦□♦□♦□

Маҳтоби нави ман он сари нохунат,
Гулзори шукуфтаам лаби гулгунат.
Дар хушкии об чашми обии ту бас,
Дар қахтии нон ду рӯи гандумгунат.

♦□♦□♦□

Он дил, ки нигоҳат ошкораш кардаст,
Аз роҳи муҳаббати ту раҳовард ҳаст.
Оганда зи розҳои огандаи ман,
Олудаи шавқу олупарвард аст.

Дар рубоиву дубайтиҳои Бозор Собир талмеҳи як қатор шоирон ва шахсиятҳои маъруфи адабаёту фарҳанги тоҷик чун ба мисли Фирдавсӣ,

Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, М.Турсунзода, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Ҷумъаи Одина шеърҳо бахшидааст.

Яке аз адибе, ки бештар мавриди талмеҳи Б.Собир қарор гирифтааст, ин устод Садриддин Айнӣ мебошад, ки умри худро сарфи хомаи халқи худ кардааст.

Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хона шуд,
Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.
Сарзамини мо худ аз осори ӯ сар мешавад,
Ин замин бо ӯ ба дунёе баробар мешавад.

Бозор дар банди зер фарзанди халқи тоҷик будани Абӯали ибни Синоро бо ифтихор қайд карда, баъд бо воситаи талмеҳҳои Искандар, Қутайба Луқмони Ҳаким, Чингиз, Султон Маҳмуд таваҷҷӯҳи хонандаро ба таърихи фоҷиабори халқи худ ҷалб менамояд:

Аз азал доруи тоҷик решаи хор асту лек,
Бӯи Сино мекунад халқ аз даври қадим
Метавонӣ аз забони пиру кампираш шунид
Дасти ман не, дасти ман не, дасти Луқмони Ҳаким.

Аз ин талмеҳотҳо ба назар мерасад, ки шоир аз гузаштаи пурифтихору ниёгони худ, аз фарҳангу тамаддуни бостонии он ифтихор дорад. Бештарин талмеҳоташ аз шоиру адибони бузурги форсу –тоҷик мебошад.

Хулоса, дар ашъори шоир жанрҳои суннатии ғазал, рубоӣ, дубайтӣ мавқеи ҷудогона дорад. Бозор Собир, ки дар шеърҳои суннатиаш ба зиндагӣ, назари тозаеро нишон додааст ва эҷодиёташ пурбардошту истеъдоди шоирона аз воқеият нисбати навиштаҷотҳои дигари халқамон фарқ дошт ва аз маҳорати волои як шоири тасвиргари нуқтасанҷ мужда меорад. Бозор Собир дар корбурди санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла санъати талмеҳ дар жанрҳои ғазалу рубоӣ ва дубайтӣ маҳорати бузург дорад ва дар тараққиёти адабиёти мо саҳми беандоза гузоштааст.

**Адабиёт:**

1. Абдуманнонов Абдураҳмон. Нуқтаи назар. – Душанбе: Адиб, 1990.
2. Акбаров Ю. Қисмати инсон ва қисмати шеър. - Душанбе: Дониш, 1980.
3. Акбаров Ю. Ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ ва ахлоқӣ.–Душанбе: Адиб, 1990
4. Акбаров Ю. Меҳри Ватан. – Душанбе: Маориф, 1989.
5. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ. – Душанбе: Маориф, 1999.
6. Бозор Собир. Гули хор. –Душанбе: Ирфон, 1978.
7. Бозор Собир. Мижгони шаб. Душанбе, 1981
8. Бозор Собир. Офтобниҳол. –Душанбе: Ирфон, 1982.
9. Бозор Собир. Бо чамидан, бо чашидан. Душанбе, 1987
10. Бозор Собир. Чашми сафедор. –Душанбе: Адолат, 1991.

11. Мирзоев А. Сенздаҳ мақола. (аз таърихи адабиёти форсу тоҷик) Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV. - Душанбе: «Ирфон», 1977.

11. Шерназаров А. Устод Лоиқ шоири ватандӯст ва ватанпарвар. “Машъалдори шеър” Халқаро конференсия материаллари. - Душанбе, 2021. 295-300 б.

INNOVATIVE WORLD